**Парки технологии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз санаи 20 сентябри соли 2012, таҳти суратмаҷлиси №1 Парки технологӣ (минбаъд ПТ ДДҲБСТ) ташкил карда шудааст. ПТ мустақил набуда, дар назди ДДҲБСТ фаъолияти худро пеш мебарад. ПТ ДДҲБСТ шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда дар асоси “Иҷозатнома” таҳти №3000152 аз санаи 20.12.с.2017 фаъолияти худро дар самти хизматрасонии полиграфӣ ва дизайнерӣ давом додааст.

Дар ПТ ДДҲБСТ 2 нафар корманд директор ва сармуҳосиб ифои вазифа менамоянд. Ҳамзамон дар Парки технологӣ як қатор кормандони ғайриштатӣ тибқи шартномаи меҳнатӣ кору фаъолият менамоянд.

Номгӯи хизматрасониҳои ПТ ДДҲБСТ, ки дар Маркази полиграфӣ иҷро карда мешаванд: чопи дастурҳо ва васоити гуногуни таълимӣ ва илмӣ, нашри рангаи рӯзномаву маҷаллаҳо, муқовабандӣ, саҳифабандӣ, иҷрои корҳои дизайнерӣ ва ороишӣ.

Ҷиҳати мукаммалгардонии ПТ ДДҲБСТ, густариши раванди татбиқи нерӯи зеҳнии устодону донишҷӯён барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ, корҳои омодагӣ гузаронида шуда, дар назди ДДҲБСТ утоқҳои корӣ аз ҳисоби мувозинати бинои Китобхонаи ДДҲБСТ таъмин карда шудааст. Бо назардошти имкониятҳои моддию техникии донишгоҳ ва самтҳои асосии фаъолияти илмӣ дар донишгоҳ айни замон таъсису ташкили фаъолияти бонизоми якчанд сохторҳои дигари муҳими ПТ тарҳрезӣ ва амалӣ гардида истодаанд, ба монанди: Агробизнес – консалтинг; Аудит – консалтинг; Машварати ҳуқуқӣ; Соҳибкор ва менеҷмент; Омӯзиши афкори иҷтимоӣ – сиёсӣ ва таҳриру тарҷума.